# ТАҚРИЗИ

**Муқарризи расмии якум ба дисертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих). Душанбе, 2025**

Диссертатсия, ки аз ҷониби Фозилов Комрон Ҷамолович таҳия шудааст, ба мавзуи муҳим ва мубрами муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Омӯзиши мавзуи "Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI" дар шароити афзоиши таҳдидҳои киберӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва рақобати геополитикии минтақавӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Ин таҳқиқот на танҳо ба омӯзиши назариявӣ ва методологӣ, балки ба таҳлили амалӣ ва дурнамоии ҳамкориҳои минтақавӣ нигаронида шуда, дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, глобализатсия ва афзоиши ҳамлаҳои иттилоотӣ, ки ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ таъсир мерасонанд, аҳаммияти хоса дорад. Дар шароити имрӯза, ки иттилоот ба ҳайси силоҳи геополитикӣ истифода мешавад, омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ (аз қабили ҳамлаҳои киберӣ, паҳншавии дезинформатсия ва тарғибӣ ифротӣ) ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои минтақавӣ муҳим аст. Муаллиф ба таври дуруст қайд мекунад, ки ин хатарҳо на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба устувории вазъи минтақа ва паҳншавии идеологияҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таҳдид мекунанд. Диссертатсия ба сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла Консепсияи сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо дар бораи муқовимат бо экстремизм мувофиқ аст. Диссертатсия ба талаботҳои методологӣ ва илмӣ мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати мавзуъ, доираву мақсадҳои

таҳқиқот ва муҳтавои илмӣ ба талаботи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ комилан мувофиқат мекунад.

Аз руйи мазмун таҳқиқот масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

- мушаххасгардонии мафҳум, моҳият ва вижагиҳои хоси хатарҳои иттилоотӣ дар сарчашмаҳо ва адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ;

- муайянсозии пойгоҳҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи хатарҳои иттилоотии даврони муосир;

- таҳлили асосҳо ва омилҳои зуҳури хатарҳои иттилоотӣ ва сатҳи таъсиррасонии онҳо ба муҳити иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар оғози қарни XXI;

- баррасии вазъият ва ҳолати муҳити иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар оғози қарни XXI;

- омӯзиш ва муқоисаи дидгоҳҳо ва бардоштҳои кишварҳои минтақа дар муқобила бо хатарҳои иттилоотӣ;

- дақиқ кардани самтҳои муҳимтарини ҳамкориҳои давлатҳои минтақа дар мубориза алайҳи хатарҳои иттилоотӣ;

- муайян кардани чашмандозҳои ҳамкориҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ.

Ин масъалаҳо шаҳодати равшананд, ки диссертатсия комилан ба самти илмии таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқ аст ва масъалаҳои асосии ихтисосро дар бар мегирад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Аввалан, дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва глобализатсия, хатарҳои иттилоотӣ ба ҳайси таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ баромад мекунанд, ки ин мавзуъро дар воқеъ ҳозирзамон месозад, хусусан бо назардошти афзоиши ҳамлаҳои иттилоотӣ дар Осиёи Марказӣ аз соли 2020 то соли 2025.

Дуюм, дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон), ин хатарҳо ба устувории минтақавӣ таъсир мерасонанд, бахусус, тавассути паҳншавии

идеологияҳои ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ҳазорҳо шаҳрвандони минтақаро ба гурӯҳҳои террористӣ ҷалб кардаанд.

Сеюм, низоъҳои сарҳадӣ ва геополитикӣ, аз ҷумла ҳодисаҳои солҳои 2021–2023 байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, ҳамроҳ бо ҳамлаҳои иттилоотӣ (масалан, дезинформатсия дар бораи об ва захираҳо), зарурати муқовимати муштаракро афзоиш медиҳанд, ки ин мавзуъро барои сиёсати берунӣ муҳим мегардонад.

Чорум, ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ чун СҲШ ва ИДМ, инчунин сиёсати давлатии Тоҷикистон (аз ҷумла, Консепсияи сиёсати иттилоотӣ), нишон медиҳанд, ки омӯзиши роҳҳои муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ барои ҳифзи суботи минтақавӣ дар чоряки аввали асри XXI ҳатмӣ аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.** Нововарии илмии кор дар он аст, ки барои бори аввал дар илми тоҷик мавзуи хатарҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун диссертатсия таҳқиқ шудааст. Муаллиф мафҳуми хатарҳои иттилоотиро дақиқ мекунад, методологияи ягонаи омӯзиши онро пешниҳод менамояд, омилҳои пайдоиш ва паҳншавии онҳоро дар минтака муайян мекунад. Ҳамчунин, ҳолати фазои иттилоотӣ дар кишварҳои минтақа муқоиса карда шуда, самтҳои ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи СҲШ ва ИДМ таҳлил гардидааст. Нововарӣ дар муайян кардани мушкилот ва дастовардҳои Тоҷикистон дар муқовимат бо хатарҳо, инчунин пешгӯии дурнамои ҳамкорӣ бо ҳисоби таҷрибаи ҷамъшуда равшан шудааст.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дисертатсияи номзадии Фозилов Комрон Ҷамолович ҳамчун пажӯҳиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои минтақавӣ, шаш нуктаи асосии илмиро барои ҳимоя пешниҳод менамояд. Ин нуктаҳо натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ буда, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ аҳаммияти хоса доранд. Навгониҳои илмӣ дар он зоҳир мегарданд, ки муаллиф мафҳуми хатарҳои иттилоотиро дақиқ карда, методологияи

омӯзиши онҳоро пешниҳод намудааст. Хусусан, омилҳои пайдоиш ва паҳншавии таҳдидҳои иттилоотӣ дар чоряки аввали асри XXI дар Осиёи Марказӣ муайян карда шуданд, ки ин навоварӣ аст, зеро қаблан чунин таҳлили ҳамаҷониба вуҷуд надошт. Масалан, муаллиф заъфҳои фазои иттилоотии кишварҳо (заиф будани саводи рақамӣ, пропагандаи ифротӣ) ва таъсири онҳоро ба устувории минтақавӣ (масалан, низоъҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон) муқоиса кардааст. Омилҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар ибтидои қарни XXI, инчунин сабабҳои асосии паҳншавии онҳо дар Осиёи Марказӣ муайян ва мушаххас карда шудааст. Вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, равиш ва бардоштҳои хоси кишварҳои минтақа дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таҳлил ва муқоиса карда шудааст. Самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ  таҳлил карда шудааст. Мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили муқовимати муназзам ва самаранок алайҳи хатарҳои иттилоотӣ нишон дода шуда, дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти таҷрибаи ҳосилшуда таҳлил карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович бо истифодаи манбаъҳои сершумор ва гуногунсатҳ таҳия шудааст, ки он ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада далели возеҳ мебошад. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маълумотҳои оморӣ асоснок карда шудаанд, ки ин эътимоднокии онҳоро таъмин менамояд. Муаллиф аз усулҳои системавӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва дурнамо истифода бурда, динамикаи хатарҳои иттилоотиро дар чоряки аввали асри XXI дар Осиёи Марказӣ омӯхтааст. Асоснокии хулосаҳо аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла нутқҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, қонунҳои миллӣ (Қонуни ҶТ “Дар бораи иттилоот” аз соли 2002), ҳуҷҷатҳои

байналмилалӣ (Эъломияи душанбегии СҲШ аз соли 2014) ва асарҳои олимони тоҷик (А. Раҳнамо, А.Н. Маҳмадов) ва хориҷӣ (В. Лейкер, Ҷ. Най) бармеояд. Масалан, хулоса дар бораи фаромарзии хатарҳои иттилоотӣ (масалан, паҳншавии тарғиботи ДИИШ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ) бар асоси оморҳои Kaspersky Security Bulletin (2022) ва ҳодисаҳои мушаххас (ҳамлаҳои киберӣ ба сомонаҳои давлатии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2017) асоснок аст, ки зиёда аз 130 нафарро дар соли 2017 дастгир кардаанд. Ин маълумотҳо аз манбаъҳои боэътимод (ВКД ҶТ, СММ) гирифта шуда, эътимоднокии хулосаҳоро таъмин мекунанд.

Тавсияҳо, аз ҷумла таъсиси CERT-и миллӣ (Гурӯҳи вокуниши фаврӣ ба ҳодисаҳои компютерӣ), такмили қонунгузорӣ (Консепсияи амнияти иттилоотӣ аз соли 2003) ва ҳамкориҳои минтақавӣ (дар чаҳорчӯбаи СҲШ ва ИДМ), бар асоси таҳлили камбудиҳои мавҷуда (заифии саводи рақамӣ – 30,4% дар Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои соли 2022) ва таҷрибаи байналмилалӣ (масалан, “Кибершит” дар Қазоқистон) асосноканд. Эътимоднокӣ аз ҳамоҳангӣ бо стратегияҳои миллӣ (Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2025) ва далелҳои оморӣ (афзоиши ҳамлаҳои киберӣ аз 113 ҳазор то 42,6 миллион корбар аз соли 2000 то 2022) бармеояд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили хронологӣ (аз 1991 то 2025) ва муқоисаи кишварҳо (Қазоқистон, Узбекистон) тасдиқ мешаванд, ки ин ба ихтисоси 6D020201 мувофиқ буда, барои сиёсати давлатӣ (ҳифзи устувории минтақавӣ) аҳаммияти амалӣ доранд. Дар маҷмуъ, эътимоднокӣ аз 174 саҳифаи матн, 175 манбаъ ва 7 мақолаи илмӣ бармеояд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок, балки аз ҷиҳати амалӣ низ эътимодбахш мебошанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Фозилов Комрон Ҷамолович таъкид мекунад, ки Тоҷикистон бояд сиёсати хориҷии чандсамтиро идома диҳад ва дар ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсояи минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Туркманистон) ва созмонҳои

байналмилалӣ, аз ҷумла СҲШ ва ИДМ, набояд аз равобити дигар бо абарқудратҳо ва созмонҳои байналмилалӣ канор монад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок, балки аз ҷиҳати амалӣ низ эътимодбахш мебошанд. Диссертатсия аз рӯи меъёрҳои илмӣ ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дорои тамоми қисматҳои зарурии илмӣ мебошад.

Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Дар оғози кор рӯйхати ихтисораҳо ҷой дода шудааст, ки барои фаҳмонидани истилоҳот ва калимаҳои кӯтоҳшудаи истифодашуда дар ҷараёни таҳқиқот мусоидат мекунад. Муқаддима мубрамияти мавзуъро шарҳ дода, ҳадаф ва вазифаҳоро муайян мекунад.

**Муқаддима** ба таври муфассал мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объекти омӯзиш, предмет, асоси мантиқию методологӣ ва манбаи илмиро инъикос мекунад. Муқаддимаи диссертатсия бо шарҳи мубрамии мавзуъ оғоз меёбад ва аҳаммияти хатарҳои иттилоотиро дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ таъкид менамояд. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки иттилоот ба манбаи стратегӣ табдил ёфтааст ва нерӯҳои сиёсӣ, аз ҷумла созмонҳои ифротӣ, аз фазои иттилоотӣ барои таъсир ба шуури омма ва халалдор кардани суботи давлат истифода мебаранд. Ин қисмат бо мисолҳои минтақавӣ, ба монанди бесуботии иттилоотӣ дар Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон, ки боиси танишҳои иҷтимоӣ ва "инқилобҳои ранга" шудааст, шарҳ дода шудааст.

Муаллиф зарурати ташаккули механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотиро таъкид карда, ба табодули маълумот, ҳамоҳангсозии талошҳо дар киберфазо ва муқовимат ба маълумоти бардурӯғ ишора менамояд. Дар ин ҷо, таъсири ҷунбишҳои радикалӣ ва террористӣ, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби ҷавонон истифода мебаранд, таҳлил

мешавад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ин таҳдидҳо на танҳо вокуниши дохилӣ, балки ҳамкориҳои байналмилалиро тақозо мекунанд.

Дар қисмати дуюми муқаддима мубрамияти мавзуъ бо масъалаҳои мушаххас исбот мешавад: якум, ҷангҳои иттилоотӣ дар минтақа, ба монанди низоъҳои сарҳадӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон (2020-2023), ки бо таблиғоти бардурӯғ ҳамроҳ буданд, дуюм, афзоиши ифротгароӣ ва терроризм, ки зиёда аз 2000 шаҳрванди тоҷикро ба сафи "Давлати исломӣ" ҷалб кардааст, сеюм, зарурати эҷоди зерсохторҳои иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотӣ. Муаллиф ба камбудиҳои тафаккури интиқодӣ дар ҷомеа, хусусан байни ҷавонон, ишора намуда, таъсири идеологияи бегона ва адами нуфузи ВАО-и миллиро таҳлил мекунад.

**Боби якум** – "Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи консепсияи хатарҳои иттилоотӣ" аз ду зербоб иборат буда, дар он таъриф ва тавсифи хатари иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ ва асосҳои методологии таҳқиқи хатарҳои иттилоотии муосир дар Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Дар зербоби аввал муаллиф аз манбаъҳои классикӣ ва муосир истифода бурда, хатари иттилоотиро ҳамчун "таъсири манфӣ ба фазои иттилоотӣ барои ноором кардани суботи давлат" таъриф медиҳад. Таҳлил ба намудҳои хатарҳо (киберҳамлаҳо, таблиғоти бардурӯғ, манипулятсияи оммавӣ) ва омилҳои онҳо (технологияҳои рақамӣ, радикализм) тамаркуз мекунад.

Дар зербоби дуюм, ки ба методологияи таҳқиқот бахшида шудааст, усулҳои таҳлили муҳтаво, муқоиса ва усули таҳлили таърихӣ тавсиф шудааст. Муаллиф методҳои эмпирикӣ (таҳлили ҳодисаҳои сарҳадӣ, 2020-2023) ва назариявӣ (моделҳои СҲШ)-ро ҳамоҳанг месозад. Таҳлил нишон медиҳад, ки методҳои муқовимат, мониторинги киберӣ, омӯзиши кадрҳо дар шароити Тоҷикистон мувофиқанд, аммо муаллиф ба маҳдудиятҳои манбаъҳо (махфияти иттилооти амниятӣ) ишора менамояд.

**Боби дуюм** – "Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ: махсусият ва мушкилоти он" низ аз ду зербоб иборат буда, дар он вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва мавқеи кишварҳои Осиёи Марказӣ

дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ: роҳҳо ва мушкилоти кишварҳо таҳлил карда шудааст. Муаллиф фазои иттилоотии минтақаро таҳлил намуда, махсусиятҳо ва мушкилотро шарҳ медиҳад. Таҳлил бо омори СҲШ ва ИДМ такя мекунад ва нишон медиҳад, ки фазо осебпазир аст (ҳамлаҳои киберӣ аз Афғонистон). Мисолҳои мушаххас (паҳншавии ифротгароӣ тариқи Telegram) ва муқоисаи байни кишварҳо (Қазоқистон – пешрафта, Тоҷикистон – афзоянда) нишон дода шудааст. Зербоби дуюм, ба роҳҳои муқовимат (қонунҳои киберӣ дар Қазоқистон, 2019) ва мушкилот (коррупсия, заифии кадрҳо) тамаркуз мекунад. Муаллиф мисолҳо оварда, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар мубориза бо "Гурӯҳи 24" пешсаф аст, аммо мушкилоти техникӣ дорад.

**Боби сеюм** – фарогири "Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ"-ро инъикос мекунад ва аз ду зербоб иборат буда, дар он самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (ИДМ ва СҲШ) ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ҳамкориҳоро дар доираи ИДМ ва СҲШ таҳлил намуда, самтҳо аз қабили табодули иттилоот ва машқҳои муштаракро шарҳ медиҳад.

Дурнамо ба таҳияи стратегияи муштарак (2030) ва рушди технологияҳо нигаронида шудааст. Муаллиф хатарҳои оянда (аз Чин ва Русия) ва имкониятҳоро таҳлил менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи ин таҳқиқот дорои аҳаммияти гуногунҷанба мебошанд, Аз ҷумла:

**Аҳаммияти илмӣ.** Аз ҷиҳати илмӣ, диссертатсия ба рушди соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мусоидат менамояд. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки дониши мавҷуда дар бораи хатарҳои иттилоотӣ ва муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ такмил ва ғанӣ гардонда шавад. Бо

банизомдарории марҳалаҳои таҳдидҳои иттилоотӣ ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни онҳо, муаллиф саҳми назаррас дар таҳқиқоти илмии таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ мегузорад. Диссертатсия метавонад ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои муҳаққиқони оянда, донишҷӯён ва аспирантон истифода шавад. Инчунин, метавонад дар таҳияи курсҳои таълимӣ оид ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати амнияти иттилоотӣ ва таърихи муосири Осиёи Марказӣ мусоидат кунад.

**Аҳаммияти амалӣ.** Аз нигоҳи амалӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд барои мақомоти давлатӣ ва сохторҳои масъули сиёсати амнияти Тоҷикистон муфид бошанд. Масалан, тавсияҳои муаллиф дар бораи таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи СҲШ ва ИДМ, таъсиси CERT-и миллӣ ва такмили қонунгузорӣ (масалан, Консепсияи амнияти иттилоотӣ аз соли 2003) метавонад барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои муқовимат бо киберҳамлаҳо истифода гардад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти марказҳои таҳлилӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Онҳо метавонанд ба ҳукумати кишвар дар қабули қарорҳои оқилона ва асоснок оид ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ кумак расонанд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аз лиҳози иқтисодӣ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ (масалан, ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохтори муҳим чун нерӯгоҳҳо ва системаҳои бонкӣ) барои ҳифзи устувории иқтисодӣ муҳим аст. Муаллиф бо таҳлили оморӣ собит намудааст, ки пешгирии чунин ҳамлаҳо (аз ҷумла, афзоиши корбарони интернет аз 113 ҳазор то 42,6 миллион дар солҳои 2000–2022) метавонад талафоти молиявиро кам кунад ва ба рушди иқтисоди рақамӣ: ҳукумати электронӣ, тиҷорати онлайн мусоидат намояд. Ин тадқиқот барои ҳифзи захираҳои иқтисодӣ аз киберҷиноятҳо, аз ҷумла дуздии маълумотҳои молиявӣ асосҳои илмӣ медиҳад.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ ба ҳифзи суботи ҷомеа мусоидат намудааст. Лоиҳаҳои таҳқиқотӣ,

аз ҷумла тавсияҳо барои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва пешгирии ифротишавии ҷавонон ба беҳбудии сатҳи зиндагӣ ва ҳамоҳангии миллӣ мусоидат кардаанд. Муаллиф ба таври асоснок нишон додааст, ки ин равандҳо таъсири иҷтимоии мусбат доранд, зеро аз ихтилофҳои этникӣ ва сарҳадӣ пешгирӣ мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Яке аз талаботи асосии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи диссертатсияҳои илмӣ он аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп шуда бошанд. Ин меъёр на танҳо барои эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ, балки барои шинохти саҳми муҳаққиқ дар ҷомеаи илмӣ низ аҳаммияти калон дорад.

Муаллиф - Фозилов Комрон Ҷамолович ба ин талабот пурра риоя намудааст. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқарраротӣ диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои конференсиявӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 8 мақолаи илмии ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Аз ин рӯ нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ аз он далолат мекунад, ки натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта, қобили қабул ва истифода дониста шудаанд. Бешубҳа, ин ҳолат ба унвонҷӯ имкон додааст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодкардаашро такмил бахшида, бо назардошти мулоҳизаҳои муҳаққиқони дигар таҳқиқоти худро мукаммал намояд. Бояд қайд кард, ки теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Дар баробари ин, мебояд баъзе камбудиҳои ҷузъиеро, ки дар

диссертатсия дида мешаванд, барои бехтар шудани кори илмии мазкур пешниҳод намоям. Аз ҷумла:

1. Таҳлили муқоисавии муносибатҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа (масалан, Қазоқистон ё Қирғизистон), ки метавонад аҳаммияти илмии мавзуъро баланд бардорад, дар диссертатсия дида намешавад.

2. Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя асосан аз дидгоҳи расмӣ ва ҳуҷҷатӣ шарҳ ёфтаанд, аммо нуктаи назар ва дидгоҳҳои мутахассисон, коршиносон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар матн кам инъикос шудааст.

3. Таҳлили оморӣ ва динамикаи рақамӣ маҳдуд аст. Дар баъзе мавридҳо далелҳо оварда шудаанд, вале муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя бо созмонҳои байналмилалӣ анҷом дода нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия баъзан иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, тавсия ва норасоиҳои зикргардида хислати ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, сатҳ ва мазмуну муҳтавои илмии рисоларо коста намегардонанд ва ислоҳи онҳо аз назари сифатӣ ба он мазмуну муҳтаво зам мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати расмият ва услуб ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад. Пеш аз ҳама, сохтори диссертатсия бо меъёрҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Муаллиф ба талаботи иқтибос ва истинодҳои илмӣ низ риоя намудааст. Ҳар як далел бо такя ба сарчашмаҳо асоснок гардида, рӯйхати адабиёт манбаъҳои гуногун, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, созишномаҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони маъруф ва мақолаҳои илмиро дар бар мегирад. Истифодаи забони илмӣ ва услуби таҳлилӣ низ аз меъёрҳои расмии илмӣ берун намебарояд. Ҷумлаҳо дақиқ, мазмундор ва равшан буда, истилоҳоти илмӣ ба

таври дуруст истифода шудаанд. Диссертатсия аз лиҳози орфографӣ ва услубшиносӣ низ ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои зикршуда, метавон гуфт, ки диссертатсия ба таври комил ба талаботи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад ва аз нигоҳи шакл ва мазмун барои ҳимоя омода мебошад. Автореферати он низ, ки аз мухтаво ва моҳияти диссертатсия бармеояд, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI»-ро метавон хулоса кард ва гуфт, ки таҳқиқоти илмии мазкур таҳқиқи мукаммал ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ,**
доктори илмҳои таърих, сардори шуъбаи илм,
инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ ва
табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов дар
шаҳри Душанбе, Х. Ғ. Комилова
10.11.2025

**«Тасдиқ мекунам»:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: Душанбе 734003, кӯчаи Бохтар 35/1
Email: info@msu.tj Телефон: 372 21 9941